ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ

Васоити ахбори омма ҳамчун неруи тавонои таъсиргузор ба афкори омма дар рушду пешрафт ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа нақши муҳим доранд. Дар ин замина, омӯзиши таърихи матбуот ва вижагиҳои сохториву жанрӣ ва мавзуии нашрияҳо аз мавзуъҳоест, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаро такозо мекунад. Муҳаққиқ Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ зимни пажуҳиш заминаҳои таърихӣ, раванди ташаккулу инкишофи «Омӯзгор»-ро ҳамчун нашрияи соҳавӣ, вижагиҳои жанрҳои публитсистӣ ва корбасти онҳоро дар инъикоси масъалаҳои маориф дар нашрия мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Диссертант дуруст қайд намудааст, ки «тағйири сохти сиёсӣ ва расидан ба истиқлоли давлатӣ имкону шароит фароҳам овард, ки ба омӯзиши ҳаматарафаи матбуоти даврии ватанӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир шавад. Аз ҷумла, доир ба нақши матбуоти даврии соҳаи маориф дар рушди ҷомеа рисола ва мақолаҳои гуногуни илмиву оммавӣ ба нашр расида бошанд ҳам, оид ба заминаҳои таърихии ба вуҷуд омадани нашрияи «Омӯзгор» то ҳол ба таври фарогир таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ таълиф нагардидааст» (саҳ. 3).

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се бобу ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониҳо, саҳми муаллиф, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ба таври таври фарогиру дақиқ таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Пажуҳишгар ҳангоми таҳқиқ ба асарҳои муҳаққиқони тоҷик

ва хоричӣ такя кардааст, ки ин омил ҷанбаи илмии диссертатсияро қавӣ намудааст.

Дар боби аввал – «Заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва марҳилаҳои инкишофи нашрияи «Омӯзгор» муҳаққиқ дар заминаи омӯзиш ва таҳлил марҳилаҳо ва омилҳои ба вуҷуд омадани нашрияҳои соҳаи маорифро муайян карда, дар зимн, вижагиҳои сохторӣ ва таҳаввулу ташаккули нашрияи «Омӯзгор»-ро ба таври ҳамаҷониба таҳқиқу таҳлил намудааст.

Боби дуюм «Таҳлили таносубии мундариҷаи нашрияи «Омӯзгор» дар замони истиқлол» унвон дошта, дар он мундариҷа ва мавзуоти нашрия аз нигоҳи илмӣ тасниф шуда, масоили рушди маориф таҳлилу баррасӣ гардидааст.

«Мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар нашрия» унвони боби сеюм мебошад. Дар ин боб нақши жанрҳои хабарӣ дар бозтоби навгониҳои соҳаи маориф, имконоти жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои маориф ва таҷассуми симои омӯзгор дар қолаби жанрҳои лавҳа ва очерк мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ҳар як жанри публитсистиро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, ба таври муқоиса истифодаи онҳоро дар нашрия мавриди баррасӣ қарор додааст.

Бобу фаслҳои диссертатсия ба ҳам пайванди устувору мантиқӣ дошта, ҳамдигарро такмил мебахшанд. Дар хулоса диссертант ба таври мушаххас дар 10 банд таҳқиқоти худро асоснок намудааст.

Дар баробари ин дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ дигар нашрияҳои соҳавиро барои муқоиса таҳқиқу таҳлил ва вижагиҳои онҳоро низ мушаххас менамуд.

2. Ҳангоми таҳлили жанрҳои публитсистӣ аз адабиёти илмии зиёд истифода кардааст ва баҳри таквияти андешаҳояш иқтибосот овардааст, ки аз омӯзиши васеи муҳаққиқ шаҳодат медиҳад. Дар

заминаи онҳо агар андешаҳои худро бештар меовард, бамаврид мешуд.

Камбудиҳои пешниҳодшуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Бинобар ин, автореферати Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муқарриз:
номзади илми филологӣ,
декани факултети филологияи тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» Абдурахимов Б. А.
«15» сентябри соли 2022.

Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: (+992) 904-10-85-85
E-mail: vorisonisomoni@mail.ru

Имзои Абдурахимов Б. А.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои Муассисаи
давлатии таълимии «Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода» Наҷмуддинов Ш.
«15» сентябри соли 2022.